«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
_______________
«25» 02 2020

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктории «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Абдуқодирзода Саидмукаррам, раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Ӯ солҳои 1995-2003 бакалавриат ва магистратураи Донишгоҳи байналмилалии исломии Исломободи Покистон ва соли 2010 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналистика хатм кардааст.

Абдуқодирзода Саидмукаррам соли 2012 диссертатсияи номзадии худро дар мавзӯи «Арзишҳои адабии "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ» аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) ҳимоя кардааст.

Мушовири илмии ӯ доктори илмҳои филологӣ, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. С. Имомзода мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики ДМТ (04.12.2015, қарори №3) ва дар Шӯрои олимони ДМТ (29.12.2015, қарори №5) тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар диссертатсия масъалаи фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV) таҳқиқ шудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ парвардаи муҳити адабии Ҳироти замони Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Амир Алишери Навоӣ буда, дар таърихи илму адаби форсии тоҷикӣ мақоми шоистаро касб кардааст. Вай донишманди пуркор ва огоҳ аз равишҳои маърифатии калом дар урфи

порсию арабӣ буда, таснифоту таълифоти зиёде ба мерос гузоштааст, ки аксари онҳо ба забони форсии тоҷикӣ нигошта шудаанд. Доираи мавзӯоти мундариҷ дар асарҳои Кошифӣ васеъ буда, дар он миён яке аз шохаҳои муҳиммашро тафсирнависӣ ташкил медиҳад. Ба қалами Ҳусайн Воиз чаҳор китоби тафсир нигошта шудааст, ки дар он миён китоби "Мавоҳиби Алийя", ки бештар бо номи "Тафсири Ҳусайнӣ" шинохта мешавад, ба сабаби ҷомеият ва равиши махсуси тасниф хеле машҳур мебошад. Ин китоби тафсир дар миёни аҳли илму адаб, махсусан қуръонпажӯҳон, ба сифати яке аз беҳтарин тафсирҳое шинохта шудааст, ки ба забони форсии тоҷикӣ ба Қуръони маҷид навишта шудааст. Китоби "Тафсири Ҳусайнӣ", гузашта аз аҳаммияти маърифатии он дар шинохти каломи Худованд ва балоғату фасоҳати нотакрораш, аз нигоҳи молик будан ба аҳаммияти вижаи илмию адабӣ ҳамчун асари пурарзиш ҷузъи муҳимми адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меояд.

Аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи китобҳои тарҷума ва тафсирҳое, ки дар заминаи маърифати каломи раббонӣ дар тӯли асрҳо ба миён омадаанд, чи ба сурати куллӣ ва чи ба таври ҷузъӣ, дар адабпажӯҳии тоҷик чандон равнақ надорад. Омӯзиши васеи ин масъала аз назари адабпажӯҳони кишвар дур монда, ҳанӯз чун манобеи арзишманди адабӣ баррасии шоиста наёфтаанд. Муаллифи диссертатсия масъалаи омӯзиши саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнависӣ бар Қуръони каримро ба миён гузошта, тафсири "Мавоҳиби Алийя" ("Тафсири Ҳусайнӣ")-ро аз назари аҳаммият ва арзиши илмию адабӣ, суннату навоварӣ, ҷиҳатҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабки нигориш таҳқиқ кардааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Таҳлилу таҳқиқи муфассали шахсияти илмию адабӣ, ҷаҳонбинӣ, фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV мақсади асосии муаллифи рисола мебошад. Барои ҳаллу фасли ин ҳадаф муаллифи рисола дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

- баррасии зиндагинома, масъалаҳои марбут ба таҳсилот, касби камол ва ҷаҳонбинии Ҳусайн Воизи Кошифӣ;
- табақабандии мавзӯии мероси илмию адабии Ҳусайн Воиз: таснифоти адабӣ, фаъолияти шоирӣ, таълифоти илмӣ, китобҳои тафсир, асарҳо дар мавзӯъҳои дигар ва таъйини мақоми китобҳои тафсир дар он миён;
- баррасии суннати тафсирнигорӣ бар Қуръон ба забонии форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воиз;
- таҳқиқ дар масъалаи тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба порсӣ ва тафсирҳои таълифшуда ба забони форсии тоҷикӣ;

- баррасии нусхаҳои хаттӣ ва чопии “Мавоҳиби Алийя”;

- баррасии “Тафсири Ҳусайнӣ” аз назари сарчашмашиносӣ, таъйини манобеъ ва маохизи асосӣ дар таълифи тафсир;

- таъйини арзишҳои илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ”: фарогирии ашъори арабию форсӣ, истиқболи суханони арбоби таҳқиқ, истишҳод ба қасаси машҳури анбиё ва ҳикоёт, баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур;

- таҳқиқи “Тафсири Ҳусайнӣ” аз ҷиҳати вижагиҳои сабки тарҷумаву тафсир;

- баррасии масъалаи пайравони Ҳусайн Воиз дар тафсирнигорӣ.

Сарчашмаҳои муҳим ва дараҷаи аввали ин таҳқиқот тазкира ва асарҳои таърихии асримиёнагӣ, китобҳои тарҷума ва тафсирҳои Қуръон, ки ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV таълиф шудаанд, асарҳои илмию адабӣ ва китобҳои тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ: “Ҷавоҳир-ут-тафсир ли туҳфат-ул-Амир”, “Мухтасар-ул-ҷавоҳир”, “Ҷомеъ-ус-ситтин”, “Мавоҳиби Алийя” (“Тафсири Ҳусайнӣ”) ба шумор меравroutand. Ҳамчунин, дар ҷараёни кор зимни таҳқиқу қиёс аз осори илмӣ-таҳқиқие, ки ҳам аз ҷониби донишмандони тоҷик ва ҳам хориҷӣ роҷеъ ба тарҷумаву тафсирнигорӣ бар Қуръони карим, мероси илмию адабӣ ва китобҳои тафсири Ҳусайн Воиз таълиф шудаанд, ба сифати сарчашмаҳои ёвари таҳқиқот корбаст гардидааст.

Асосҳои назарӣ ва методологии ин диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Х. Шарифов, А. Сатторов, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул, А. Насриддинов, Ф. Насриддинов, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, З. Сафо, Ҷ. Ноинӣ, Б. Хуррамшоҳӣ, М. Х. Беҳрӯз ва дигарон ташкил медиҳад.

Диссертант дар раванди таҳқиқ асосан аз методи таърихӣ-муқоисавӣ, ки барои равшан намудани ҷанбаҳои таърихии масъалаҳои таҳқиқ имкони бештар медиҳад, истифода кардааст. Ҳамчунин муаллифи диссертатсия ба усулҳои таърихӣ-адабӣ, тавсифӣ, китобхонаӣ, оморӣ, бо назари интиқодӣ муносибат кардан ба сарчашмаҳо, манобеи илмию адабӣ, ки дар пажӯҳиши илмҳои ҷомеашиносӣ васеъ истифода мешаванд, такя намудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст ба таври фарогир масъалаҳои алоқаманд ба зиндагинома, мероси илмию адабӣ, шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабӣ, ҷаҳонбинӣ, фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV ба таври монографӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтааст. Масъалаи тафсирнигорӣ ба Қуръони карим ба забони форсии тоҷикӣ дар фосилаи муайяни замонӣ ва дар қиёс ба таърихчаи тафсирнигорӣ ба равиши мазкур муайян кардани

саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ривоҷи тафсирнависӣ бар Қуръон бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Муаллифи рисола машҳуртарин китоби тафсири бар Қуръони азимушшаън навиштаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ – “Мавоҳиби Алийя” (“Тафсири Ҳусайнӣ”)-ро ба таври фарогир, бо назардошти мавҷудияти нусхаҳои дастнавису чопии асар, сарчашмаҳои таълиф, арзишҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабкӣ таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Диссертатсия **аҳаммияти** зиёди **назарию амалӣ** дорад. Ин таҳқиқ ҷанбаҳои назарии омӯзиши таърихи тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро такмил бахшида, таъйини арзишҳои илмию адабӣ ва дигар вижагиҳои китобҳои тафсири ба забони форсии тоҷикӣ таълифшударо тақвият медиҳад. Меъёрҳое, ки дар рисола барои таъйини ҷаҳонбинии муфассири асримиёнагӣ, равишҳои тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, таъйини манобеъ ва маохизи таълифи китоби алоҳидаи тафсир, арзишҳои илмию адабии китобҳои тафсири Қуръон ва мабоҳиси дигари мавзӯъ истифода шудаанд, барои маърифати комили раванди ташаккул ва махсусиятҳои илми тафсирнигорӣ дар адабиётшиносии муосир мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастомада дар ин таҳқиқ дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик дар пажӯҳиши масъалаҳои марбут ба тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ ва баррасии мақоми адабии китобҳои тафсир дар заминаи масъалаи маърифати каломи раббонӣ арзиши муҳим доранд. Маводи таҳқиқро, ҳамчунин, ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, курс ва семинарҳои махсус оид ба Ҳусайн Воиз ва таърихи тафсирнависӣ дар мактабҳои олӣ истифода намудан мумкин аст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар мақолаҳои чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 15 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда инъикос ёфтааст:

1. Абдуқодирзода, С. Мафҳуми “тафсир” ва истилоҳоти қариб ба он / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2018. – №7. – С. 193-198.

2. Абдуқодирзода, С. Сохтор ва муҳтавои “Равзат-уш-шуҳадо”- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2018. – №8. – С. 112-116.

3. Абдуқодирзода, С. Шахсияти эҷодӣ, ҳуввияти адабӣ ва ҷаҳонбинии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода// Паёми МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар. – Бохтар, 2018. – №1/4 (57). – С. 25-30.

4. Абдуқодирзода, С. Нигоҳе ба тафсирнигории порсӣ ба Қуръони карим то тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2019. – №1. – С. 203-210.
5. Абдуқодирзода, С. Марҳалаҳои нахустини тафсирнигорӣ ба Қуръони карим / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – №2 (79). – С. 142-146.
6. Абдуқодирзода, С. Оид ба таҳсилот ва касби камоли Ҳусайн Воиз / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2019. – №4. – С. 154-159.
7. Абдуқодирзода, С. Суннати тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба порсӣ/ С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2019. – №5. – С. 171-175.
8. Абдуқодирзода, С. Масъалаҳои методологии омӯзиши фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воиз ба Қуръони Карим / С. Абдуқодирзода //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – №5(82). – С. 144-150.
9. Абдуқодирзода С. Оид ба зиндагиномаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. - №1-4 (68). – С. 47-52.
10. Абдуқодирзода, С. Усулҳои зикри ашъор дар “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии МДТ ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. – Хуҷанд, 2019. - №4 (61).-С.79-84.
11. Абдуқодирзода, С. Таснифоти адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. - №1-1 (71). – С. 11-16.
12. Абдуқодирзода, С. Тафсирҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба Қуръони карим / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2020. – №1. – С. 199-205.
13. Абдуқодирзода, С. Нусхаҳои хаттӣ ва чопии “Мавоҳиби алийя / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2020. – №2. – С. 224-231.
14. Абдуқодирзода, С. Муаррифии як нусхаи хаттии “Тафсири Ҳусайнӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2020. – №3. – С. 251-257.
15. Абдуқодирзода, С. Истишҳод ба қиссаи машҳури анбиё ва ҳикоёт дар “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Фарҳанг ва санъати МДТ “ДДФ ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”. – Душанбе: Истеъдод, 2020. - №1. – С. 25 – 30.

Диссертатсияи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» кори илмии баанҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ аст.

Кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррамро дар мавзӯи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» кори илмии

ба анҷомрасида меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Дар ин росто, диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик барои ҳимоя тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 13 нафар, аз ҷумла 6 нафар доктори илмҳои филологӣ, 6 нафар номзади илмҳои филологӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0, қарори №12 аз 23-юми январи соли 2020.

Мудири кафедраи таърихи
адабиёти тоҷик, доктори илмҳои
филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул

Котиби илмӣ: н.и.ф., муаллими калон А. Ф. Авғонов

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.
Тел.: +992 372 21 7711
E-mail:tgnu@mail.tj
http://www.tnu.tj

Имзои М. Нарзиқул ва А. Ф. Авғоновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

24.02.20